# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 - Ботаника пешниҳод гардидааст.

Дар солҳои охир масъалаҳои ҳифзи гуногунии биологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои наботот дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор доранд. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳои фитосенологии дарахту буттаҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва ҳолати экологии онҳо то ҳол ба таври мукаммал омӯхта нашуда буданд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ барои пурра намудани маълумотҳои илмӣ оид ба таркиб, сохтор ва ҳолати кунунии ҷамоаҳои дарахту буттагии минтақа аҳаммияти муҳим дорад.

Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлилҳои илмӣ таркиби намудии дарахту буттаҳои минтақа, хусусиятҳои фитосенологӣ, паҳншавии ҷамоаҳои растанӣ ва вазъи экологии онҳоро муайян намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот маълумоти муҳим оид ба гуногунии дарахту буттаҳо, хусусиятҳои фитосенологӣ ва нақши омилҳои экологӣ дар ташаккули форматсияҳо оварда шудааст.

Дар кори илмӣ нишон дода шудааст, ки қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дорои захираи бойи дарахту буттаҳо буда, дар таркиби онҳо намудҳои нодир, эндемикӣ ва дорои аҳаммияти муҳофизатидошта мавҷуданд. Муаллиф ҳолати экологии ҷамоаҳои дарахту буттагии минтақаи таҳқиқотиро ҳамаҷониба омӯхта, дараҷаи таъсири омилҳои антропогениро ба таркиб, сохтор ва устувории ҷамоаҳо муайян намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки чорабиниҳои самараноки ҳифз ва барқарорсозии ҷамоаҳои дарахту буттагӣ таҳия гардида, барои нигоҳдории устувории экосистемаҳои минтақа ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологӣ заминаи илмӣ фароҳам оварда шавад.

Автореферат бо тартиби муқарраргардида таҳия шуда, мазмун ва натиҷаҳои асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмии бадастомада дар маҷалаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тавсия шудааст, нашр гардидаанд. Нашри

ин мақолаҳо дар чунин маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ далели сатҳи баланди аҳаммияти илмӣ ва навоварии таҳқиқоти гузаронидашуда мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои биологӣ (аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника), дотсенти кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳо Ҳомидов Ё.Р.
Имзои Ҳомидов Ё.Р-ро тасдиқ менамоям: сардори РК ва КМ МДТ "ДДХ ба номи акд. Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел +992 92 779 91 60.
E-mail: mirsaburov89mail.ru
«_23_» _06_ соли 2026